Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума ба яке аз мавзуҳои мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқуқ бахшида шудааст. Зеро, аҳамиятӣ масалаи рафтори ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки дар он мақсади ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ-таҷасуми қоидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт ба дастоварда мешавад. Ин масъала дар давраи дигаргунсозии иҷтимоӣ ки ҷомеаи моро фаро гирифтааст, вақте ки ба таври воқеъӣ вайроншавии бештари намудҳои институтсионалӣ ва меъёрии рафтори ҳуқуқи ба амал меоянд, ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои қобили қабули тадбиқи талаботи иҷтимоӣ дар ҷомеъа таъғир ёфта, қоидаҳои нави рафтор ва ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ муқаррар мешаванд, аҳамиятӣ махсус пайдо мекунад.

Муаллиф бо пурраги методология, назария, меъёр ва усулҳои эмперикии таҳқиқотро ошкор карда ва инчунин, мақсад ва вазифаҳои муофиқи таҳқиқотро, ки сохтори диссертатсияро муаян кардаанд, таҳия кард.

Автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонагии дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илми ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаи илми ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахси муаллифро тасдиқ менамояд.

Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи автореферати диссертатсияро нишон медиҳад.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар автореферат пешниҳодшуда дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати ташаккул додани рафтори ҳуқуқии табақаҳаи низоманди аҳоли ва самту равишҳои ҳалли мушкилоти ин масъала мусоидат мекунанд. Аз ин назар хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллифи рисола дар ҳама қисматҳои рисолаи илмӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Аз ҷиҳати услубӣ илмӣ, мантиқӣ ва имлоӣ диссертатсия ба талаботи лозима ҷавобгу мебошад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти Ш. Ҷ. Мирзозодаро на танҳо таълимоти назариявӣ ғанӣ мегардонад, балки метавонад дар рафти такмили минбаъдаи механизми ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва фаъолияти субъектҳои таъсиррасонӣ истифода шаванд.

Бояд ёдовар шуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Мирзозода Шахло Ҷума мусбат мебошад, зеро он яке аз нахустин пажуҳиши комплекей оид ба моҳияти категориалӣ ва функсионалии маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина асоси таҳлили шаклу сохтор таъиноти пурра ва семантикии он ҳамчун муайянкунандаи фаъолияти муътадили ҷомеа ва давлат ошкор мегардад, ки дар он накши асосиро ангезаи рафтори ҳуқуқӣ иҷро мекунад. Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфта, баъзе аз эродҳо ҷой доранд.

Масалан муаллиф дар навгонии №2 зикр менамояд, ки «Навъи махсуси рафтори ҳуқуқиро амалҳои «моддӣ» ташкил медиҳад... » Пас дар ин радиф рафтори ҳуқуқӣ амалҳои «мурофиаивиро » низ пешбини менамояд ё худ не?

Ҳамчунин дар авторефорати диссертатсия омилҳои асосии ба рафтори инсон таъсиркунанда номбар шудааст ( Саҳ 15). Вале дар байни онҳо афзалияти таъсиррасонии «сотсиализатсияи ҳуқуқии фард» назаррас нагардидааст ё худ муаллиф онро дар зери дигар омилҳо баррасӣ намудааст?

Эродҳои зикршуда характеран тавсиявӣ буда, хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад. Онҳо аз он шаҳодат медиҳандки, ки масъалахои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиконро ба худ ҷалб намояд.

**Хулоса,** таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарриз:** Дакани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи славянии Русия -Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Ҳамроев Ш.С.**

Имзои Ҳамроев Ш.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Русия -Тоҷикистон **Раҳимов А.А.**

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

"_04_" _октябри_ 2024

Суроға: кӯчаи Мирзо Турсунзода 30, ш.Душанбе 734025;
Тел: 372 21 3550;
Е-таП: www.rtsu.tj